

**01.02.2018**

Бо максади химоя намудан аз манфиатхои ичтимоӣ ва паст кардани сатхи камбизоатӣ, гирифтани пеши рохи харочоти зиёдатӣ аз чониби хизматчиёни харбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва  риояи Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» дар Ситод оид ба холатхои фавкулодда ва мудофиаи граждании шахри Душанбе ва вохидхои сохтории он, комиссияи чамъиятии танзими анъана ва чашну маросимхо таъсис дода шудааст. Комиссияи мазкур назорати доимии риояи анъана ва чашну маросимро дар ситод ва дар манзилхои истикоматии хайати шахсии ситод ба ухда дорад.

Тахти рохбарии раиси комиссияи чамъиятӣ майор Хамзаалӣ Саидов, комиссияи мазкур мунтазам корхои фахмондадихӣ бурда, вохӯрихои намояндагони Раёсати танзими Кумитаи оид ба корхои дин ва чашну маросимхои миллии назди Хукумати Чумхурии Точикистонро бо хайати шахсӣ доир месозад.

Дар соли 2017 зери назорати ин комиссия 11 чорабинии чашни туйи домодию арӯсӣ ва маросимхои азодорӣ дар доираи талаботи ин конун бе исрофкориву зиёдаравӣ гузаронида шудааст.

**МУХБИРИ МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**